**«Тасдиқ менамоям»**
**Ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, д.и.т., дотсент**
**____________ Исозода Д.Т.**
**«16» ___05___ соли 2025**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

## 1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм

Кори диссертатсионии Каримов Рустам Илҳомович аз рӯйи мавзуъ, мазмун, унсурҳои навгонӣ ва муқарраротҳои назариявию амалии бадастомада ба бандҳои зерини ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ва Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад: 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методии арзёбию баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 3. Пойгоҳи захиравии рушди соҳаи саноат ва энергетика, проблемаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, неруи инсонӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 7. Асосҳои назариявию методологии ташаккул, амалкард ва рушди бозори энергетикӣ; 8. Нархгузорӣ дар бозорҳои захираҳои энергетикӣ, нерӯи барқ ва гармидиҳӣ. Методҳои маҳдудсозии нархгузории инҳисорӣ. Танзими зиддиинҳисории бозорҳои захираҳои энергетикӣ. Сиёсати тарофавӣ дар соҳаи энергетика; 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика, самаранокӣ; 36. Дастгирии инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика.

## 2. Мубрамият ва аҳамияти мавзуи интихобшуда

Фаъолияти объектҳои инфрасохторӣ дар таркиби бозори энергетикӣ ҳамчун зерсоҳаи муҳимми хоҷагии халқи мамлакат маҳсуб ёфта, дар сохтори истеҳсолии маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) мамлакат мавқеи назаррас дошта, ҳамзамон, ҷиҳати таъмини тамоюлҳои рушди иқтисодиёт ҳамчун комплекси алоҳидаи сохторбунёдкунанда ба

ҳисоб меравад. Бо мақсади таҳқиқи масъалаҳои асосии рушди бозори энергетикии мамлакат муайянсозии тамоюлҳои фаъолияти объектҳои инфрасохтори энергетикӣ аҳамияти илмӣ, таҳлилӣ ва ошкорсозии саривақтии мушкилоти соҳаро дорад. Муҳим аст, ки барои самаранок истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии энергетикӣ, тавассути муайянсозии тамоюлҳои рушди инфрасохтори энергетикӣ мушкилоти мавҷуда саривақт ошкор гардида, афзалиятҳои стратегӣ ва дурнамои рушди он таҳия карда шавад. Аз ин сабаб, таҳқиқи паҳлуҳои илмию таҳлилии вазъи инфрасохтори бозори энергетикӣ дар қабули қарорҳои муфиди идоракунии бозори энергетикӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Тибқи маълумотҳои дастрас Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи сӯзишворӣ-энергетикӣ мебошад. Аммо, аз ҷиҳати нокифоягии технологияи саноатии кашфу истеҳсол, коркард, истифодаю истеъмол ва номукаммалии фаъолияти объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ қонеъгардонии талаботи хоҷаги халқи мамлакат муяссар нагардида истодааст. Иқтидорҳои энергетикии мамлакат, вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ, иқлим ва релеф таркиби асосии маҷмуи сӯзишворӣ-энергетикӣ (захираҳои обӣ, сӯзишвории ангишту нефт, газ, нури офтобӣ ва бод) ба таври гуногун ҷойгир шудаанд. Дар соли 2022 иқтидори умумии солонаи захираҳои обӣ-энергетикӣ дар ҷумҳурӣ 527 млрд. кВт. *с.-ро ташкил дода, имкониятҳои техникӣ ва истифодаи мақсадноки иқтисодӣ бошад, 202 млрд. кВт.*с.-ро ташкил медиҳад.

Қобили қайд аст, ки новобаста аз иқтидорҳои энергетикӣ, имкониятҳои мавҷуда, нақшаю барномаҳои тарҳрезӣ гардида, то ҳол дар Тоҷикистон мушкилоти норасогии энергияи электрикии ватанӣ аз сабаби номунтазамии фаъолияти объектҳои инфрасохторӣ, миқдори нокифояи таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ ва каммасрафу муфид вобаста ба хусусиятҳои минтақавии ҷумҳурӣ, ҳаҷми зиёди талафоти энергияи истеҳсолшаванда, таъмин набудани мувозинати бозори талаботу таклифот, инчунин баҳисобгирии дурусти ҳаҷми талабот ва равандҳои қонеъгардонии талаботи истифодабарандагони энергия ҳаллу фасли пурраи худро пайдо накардаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти илмии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти хосса дорад.

Вазъ ва ҳолатҳои зикргардида, алоқамандии мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро бо масъалаҳои мазкур муайян менамояд, ки дар асоси он равишҳои илмию комплексӣ ва низоми рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ пешниҳод гардидааст. Бинобар ин, омӯзиши масъалаҳои

асосноккунии шароити рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон вобаста ба тақвияти самтҳои афзалияти он одар шароити муосир мубрам ва актуалӣ буда, муҳиммияти таҳқиқоти илмии Каримов Рустам Илҳомовичро ифода мекунад.

### 3. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки аз ҷониби муаллиф бо пайдарҳамии мантиқӣ мубрамияти мавзуъ ва ҳадафу вазифаҳои он мустақилона муайян, интихоб ва иҷро карда шуда, бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии илман асоснокро пешниҳод намудааст. Дар баробари ин, таҳияи модели иқтисодӣ-риёзии рушди бозори энергетикӣ, гузаронидани озмоиши воқеӣ ҷиҳати муайянсозии самаранокии иқтисодии ташкили объекти инфрасохтори нерӯгоҳи хурди барқии офтобӣ бо истифода аз методи муқоисавииии техникию иқтисодӣ, ҳамчун варианти алтернативии рушди бозори энергияи электрикӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф таҳия шудаанд.

Инчунин саҳми шахсии довталаб дар муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот дар чорабиниҳои илмию амалии гуногун ва нашри онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда низ ифода меёбад.

### 4. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири унсурҳое мебошанд, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳимми муҳаққиқ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, чунин ҷиҳатҳои зерринро қайд кардан мумкин аст, ки ҳамчун навгонии илмии кори диссертатсионии тақризшаванда баромад мекунанд:

1. Муҳаққиқ ҷанбаҳои назариявӣ-методии рушди инфрасохтори бозори энергетикиро асоснок карда, ҷиҳатҳои хоси таркибии онро аз рӯйи хусусияти истифодабарӣ, дараҷаи тараққиёт ва мавқеи ҷойгиршавӣ дар бозор гурӯҳбандӣ намудааст. Чунин методи гурӯҳбандӣ метавонад моҳияти илмию назариявӣ, дараҷаи тараққиёт ва натиҷаҳои фаъолияти объектҳои инфрасохтори бозори энергетикиро ба таври кушоду равшан ошкор намояд;

2. Муаллифи диссертатсия вобаста ба натиҷагирии қиёсӣ ҳолати кунунии бозори энергетикии кишварро таҳлил карда, тамоюлҳои инкишофи онро дар асоси таҳлили як қатор нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо, рушдёбанда арзёбӣ ва аниқ намудааст. Инчунин, аз ҷониби муаллиф ташкили барномаҳои махсуси рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат дар самти дастрасии молу маҳсулоти саноатии соҳаи энергетика, махсусан содагардонии пайвастшавии истеъмолкунандагон, ҷалби иштирокчиёни нави бозор ва такмили сиёсати нархию тарофавии истифодаи энергияи электрикӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст;

3. Аз тарафи муаллифи диссертатсия ҳолат ва рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат таҳлил ва арзёбӣ гардида, модели иқтисодӣ-риёзӣ барои истеҳсол, истеъмол ва нархи молу маҳсулоти соҳаи энергетика таҳия шудааст, ҳамчунин барои таъмини мувозинати дурусти бозор, барномаҳои миёнамуҳлати рушди бозори энергетикӣ дар дурнамои наздик пешниҳод шудаанд;

4. Муаллиф дар раванди таҳқиқот самтҳои афзалиятноки рушди бозори энергетикии кишварро муайян кардааст ва дар ин замина усули созишномаи корпоративии механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро барои рушди инфрасохтори бозори энергетикаи электрикӣ таҳия ва асоснок намудааст;

5. Дар асоси арзёбии таъсиси объектҳои нави энергияи электрикии алтернативӣ рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ таҳқиқ ва асоснок карда шудааст. Инчунин,ташкили объектҳои энергияи офтобӣ дар минтақаҳои деҳоту кӯҳии мамлакат пешниҳод гардида, нишон дода шудааст, ки ин иқдом метавонад арзиши истеҳсоли 1 кВт.*с. барқро ба 0,12 сомонӣ расонад, ки минбаъд дар дохили низоми энергетикии мамлакат бо объектҳои энергетикаи обӣ рақобатпазир хоҳад буд.

6.Гузаронидани озмоиши иқтисодию риёзӣ самаранокии иқтисодии нерӯгоҳи барқи хурди офтобӣ ҳамчун варианти алтернативӣ таҳқиқ ва асоснок шудааст. Инчунин, бо истифода аз методи муқоисавиии техникию иқтисодӣ, натиҷагирӣ барои таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон анҷом дода шудааст ва тадбирҳои ба татбиқи ҳадафҳои олии мамлакат ва содироти энергияи электрикӣ дар асоси энергияи сабз мусоидаткунанда коркард ва пешниҳод шудаанданд.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти назариявии таҳқиқот ва тавсияҳои илмие, ки муаллиф дар натиҷаи тақиқоти гузаронидашуда ба даст овардааст, аз маҷмуи муқаррароти методие иборат аст, ки метавонанд дар раванди васеъгардонии паҳлуҳои назариявии таҳияи дурнамои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар шароити муосир, бо таваҷҷуҳ ба давра ба давра пайдо гардидани шаклҳои муосири объектҳои ёрирасон истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодоти амалӣ, ки дар раванди таҳқиқот довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба даст овардааст, барои таъмини рушди мунтазами инфрасохтори бозори энергетикӣ, инчунин ба амалишавии ҳадафҳои олии рушди мамлакат мусоидат хоҳанд кард. Иҷрои амалии пешниҳодоти аз тарафи муаллиф асоснокгардида, ба ташкили объектҳои нави инфрасохтори камхарҷ, таъмини энергияи дастрас дар бозор, ҳамзамон ташкилнамоии объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергияи электрикӣ аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда бо фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ баманфиат хоҳад буд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомада, метавонанд барои таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат заминагузор бошанд. Дар баробари ин, хулосаҳои асосноккардашудаи муаллифи диссертатсия метавонанд дар раванди таълим ва омода кардани мутахассисони соҳа дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз фанҳои таълимии бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ ва ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои энергетикӣ мавриди истифода қарор ёбанд.

## 6. Мазмуни кори диссертатсионӣ

Дар **муқаддима** (саҳ.4-16) аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи омӯзиши он аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ баррасӣ гардида, мақсад, вазифаҳо, мавзуъ, объект ва фарзияи таҳқиқот муайян шуда, инчунин, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, тасдиқи натиҷаҳои кор, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои назариявӣ-методии ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ»** (саҳ. 17-64) баррасӣ гардида, ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва хусусиятҳои рушди

инфрасохтори энергетика дар сохтори саноат, шаклҳо ва гурӯҳбандии объектҳои он, инчунин таҷрибаи хориҷии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ва татбиқи паҳлӯҳои муфиди он дар мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар асоси маълумотҳои таҳқиқгардида маълум намудааст, ки истилоҳи илмии инфрасохтор ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ дорои хусусиятҳои хос буда, вобаста ба низоми иқтисодӣ ва модели рушди иқтисодии дилхоҳ мамлакат, таркиби соҳавӣ ва ё минтақаҳои иқтисодӣ тавзеҳу маънидод карда мешавад.

Ғайр аз ин, вобаста самти таҳқиқот, мафҳуми инфрасохтор ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Вобаста ба ин, ба андешаи диссертант дар шароити нави иқтисодӣ ва хусусиятҳои соҳаи энергетика, тахти мафҳуми инфрасохтори бозори энергетикӣ фаъолияти хоҷагидории шаклҳои ҳамкориҳои моддӣ ва ғайримодии субъектҳои хоҷагидор, ки бо мақсади такмилдиҳии раванди истеҳсолот, қонеъ гардонидани талабот, ташкили неъматҳои моддӣ ва пешниҳоди кору хизматҳои ёрирасон равона карда шудаанд, фаҳмида мешавад (саҳ. 29).

Таҳқиқи равишҳои методҳои гуногун маълум менамоянд, ки то ҳол оид ба гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ гурӯҳбандии дуруст муайяншуда ва фаҳмиши амиқи онҳо пешниҳод нашудааст ва ин барои пайдо намудани дарки дурусти илмӣ оид ба гурӯҳбандии дақиқи шаклҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ мушкили эҷод мекунад. Ҳамин аст, ки муаллиф дар таҳқиқот гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикиро таҳия намуда (расми 1.2, саҳ.42), чунин ибрози андеша дорад, ки барои гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ, дар марҳалаи аввал бояд ба соҳаи системаи энергетикӣ диққат дода шавад, сипас ҳамаи намудҳои фаъолият ва хизматрасониҳои, ки ба ин соҳа алоқаманд мебошанд, тавсиф кардан зарур аст.

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Таҳлилу арзёбии вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон»** (саҳ. 65-121) таҳқиқ гардида, вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ва тамоюлҳои он, таҳлили омилҳо ва арзёбии иқтисодии ташаккул ва рушди бозори энергетикӣ дар шароити муосир мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф дар шакли ҷадвал захираҳои энергияи электрикиро дар минтақаҳои Тоҷикистон аз рӯйи категорияҳои муайян таҳия намуда (ҷадвали 2.3, саҳ.74), қайд кардааст, ки дар соли

2012 истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ дар сохтори истеҳсолии саноати кишвар 17,7 фоизро ташкил дода, аз рӯйи маълумотҳои таҳлилӣ, истеҳсоли нерӯи барқ дар Тоҷикистон тамоюлҳои мусбӣ нишон медиҳад, вале бо вуҷуди афзоиши ҳаҷми истеъмол дар бозори дохилии энергияи электрикии кишвар, ин ҳолат қаноатбахш нест. Инчунин, дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки барои рушди устувори кишвар дар асоси ҳадафҳои стратегӣ, якчанд барномаҳои давлатӣ ва соҳавӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръат, таъсиси ҳукумати электронӣ ва дигар тадбирҳо амалӣ карда шудаанд, ки воқеан вазъи истеъмолии бозори энергетикиро комилан тағйир медиҳанд.

Муҳаққиқ дар расми 2.4 (саҳ. 90) омилҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикиро таҳия намуда, ба исбот расонидааст, ки дар рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ, ба ғайр аз омилҳои асосӣ, инчунин омилҳои дохилӣ ва берунӣ низ мавҷуданд, ки дар маҷмуъ сохтори асосӣ, иштирокчиён, сатҳи пешниҳод ва талабот, амиқии дахолати давлатро дар бозор ба таври тасвирӣ ифода мекунанд. Ин омилҳо, новобаста аз ҳаҷм ва сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ, таъсири манфӣ ва мусбӣ доранд, ки интихоби омилҳои мусбиро пешниҳод намуда, роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии таъсири манфиро нишон медиҳанд.

Дар диссертатсия хеле эҷодкорона дар расми 2.5 (саҳ. 102) алгоритми арзёбии сохтори бозори энергияи электрикиро бисёр бамаврид таҳия намудааст, ки боиси дастгирист. Дар алгоритми мазкур модели таъсиррасонии бозори энергетикӣ ба ташаккули нархи энергияи электрикӣ дар бозори фурӯши яклухти энергияи электрикӣ тасвир гардидааст.

Дар боби сеюми диссертатсия – **«Самтҳои афзалиятноки ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон»** (саҳ. 122-171) мавриди таҳқиқ қарор гирифта, масъалаҳои ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди бозори энергетикии Тоҷикистон дар асоси ташаккули энергияи барқароршаванда асоснок гардида, дар ҳошияи онҳо методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқот самтҳои афзалиятноки рушди бозори энергетикии кишварро муайян кардааст ва дар ин замина усули созишномаи корпоративии механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро барои рушди инфрасохтори бозори энергетикаи электрикӣ таҳия намудааст. Қобили қайд аст, ки ташаккули

механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро дар бозори энергетикӣ дар расми 3.1 (саҳ. 132) пешниҳод намуда, ба исбот расонида шудааст, ки шакли корпоративии шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки сармояи хусусӣ тибқи мусоидтарин шароитҳои даромадгирӣ дар иқтисодиёт ҳаракат намуда, ба рушди бозори энергетикии мамлакат таъсири мусбӣ расонида, дар ғанигардонии буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ саҳми назаррас мегузорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз навгониҳои кори диссертатсионӣ ин аст, ки аз ҷониби муаллиф методи муқоисавии техникӣ ва иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии кишвар барои пайдо намудани вариантҳои алтернативии ташкили объектҳои нав барои рушди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон дар шароити афзоиши талаботи истеъмолӣ, ҳамчун самти афзалиятноки ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ бо мақсади мусоидат ба татбиқи ҳадафи олии рушди мамлакат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, таҷрибаи озмоишӣ гузаронида шудааст (саҳ. 155-156).

Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқот, дар кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф исбот карда шудааст, ки бо дарназардошти шароитҳои молиявӣ, иқлимӣ ва имкониятҳои техникию технологӣ дар вариантҳое, ки пешниҳод ва мавриди озмоиш қарор дода шудааст, ташкили объекти инфрасохтори энергияи электрикии хурди офтобӣ афзалияти бештар дорад. Илова бар ин, натиҷаи ҳисобҳои иқтисодӣ-риёзӣ нишон медиҳад, ки хароҷоти умумии чунин объектҳо аз нигоҳи молиявӣ-иқтисодӣ нисбатан арзон (54700 сомонӣ) буда, фоидаи солонаи объекти инфрасохтори нерӯгоҳи хурди офтобӣ 2443,061 сомониро ташкил медиҳад. Арзиши аслии 1 кВт*соат барқ барои истеъмолкунандагони аҳолӣ ҳамагӣ 0,12 сомонӣ баробар мегардад. (расми 3.7, саҳ.168).

Дар алоқамандӣ ба натиҷаҳое, ки дар раванди таҳқиқот ба даст омадааст, муҳаққиқ методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии мамлакатро асоснок ва пешниҳод кардааст, ки ин метавонад дар таҳияи барномаҳои давлатии ташкили объектҳои инфрасохтори энергияи электрикии офтобӣ дар минтақаҳои кӯҳистони кишвар аз ҷиҳати илмӣ-амалӣ заминагузор бошад.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои хусусияти амалидошта оид ба рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

**7. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Тахассуси илмии довталаб ба ихтисос ва самти интихобшуда мувофиқат намуда, муаррифии зарурии натиҷаҳои таҳқиқот, шумораи мақолаҳои илмӣ ва сатҳу сифати кори иҷрошуда нишон медиҳанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ ба Талаботи додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**8. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Матни автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад. Он дар шакли фишурда, мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳиммият, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда (20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва маълумоти олии Федератсияи Россия) бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола мувофиқ мебошанд.

**9. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Диссертант дар боби якуми диссертатсия бо такя ба асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои назариявии мавзуи таҳқиқотро нишон додааст. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия боз ҳам ғанӣ мегардид, агар муаллиф таҷрибаи назарияи пешқадами инфрасохтори бозори энергетикиро васеътар таҳлил менамуд.

2. Муаллиф дар кори диссертатсионии худ методологияи таҳқиқотро зикр кардааст, аммо усулҳои конкретии таҳқиқот, ки дар кор истифода шудаанд, муфассал пешниҳод нагардидааст. Ин норасогӣ метавонад барои хонанда барои дарк кардани он ки таҳқиқот чи гуна гузаронида шудааст кумак кунад.

3. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба таври кифоягӣ ва мушаххас тадбирҳо оид ба самаранокии инфрасохтори бозори энергетикӣ дар мамлакат нишон дода нашудааст.

4. Довталаб дар таҳқиқоти худ ташкили барномаҳои махсуси рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакатро дар самти такмили сиёсати нархию тарофавии истифодаи энергияи электрикӣ таҳия ва пешниҳод кардааст. Кор боз ҳам беҳтар мешуд, агар муаллиф механизмҳои аниқ ва амалии ин барномаҳо ва таъсири онҳо ба бозорро нишон медод.

5. Ба манфиати кор мебуд, агар муаллиф таҳлилҳои муқоисавии амиқтар бо истифодаи намунаҳои мушаххас ва маълумотҳои иқтисодӣ пешниҳод мекард, то ки самаранокии нерӯгоҳҳои барқиро аниқтар маълум намояд.

6. Дар раванди таҳқиқот методиояндабинӣ истифода шуда, аз ҷониби муаллиф рушди минбаъдаи соҳаояндабинӣ карда шудааст. Барои он ки чӣ гуна инфрасохтори бозори энергетикӣ метавонад бо рушди технологӣ ва талаботи бозор мутобиқ шавад, муаллифро зарур буд, ки ба пешгӯииояндаи бозори энергетикӣ диққати бештар медод.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида, хусусияти тавсиявӣ дошта, асоснокӣ, эътимоднокӣ ва навгонии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

## 9. Мутобиқати диссертатсия ба талабот нисбати барасмиятдарории он мувофиқи меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кори диссертатсионии Каримов Рустам Илҳомович бо риояи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ» (Қарори Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, таҳти №493) ба расмият даровварда шуда, меъёрҳое, ки барои додани дараҷаи илмӣ дар Тартиби додани дараҷаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, ҷавобгӯй мебошад.

## 10. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба кори диссертатсионӣ ва сазовор донистани дараҷаи илмӣ

Дар маҷмӯъ, кори диссертатсионии Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботи банди 8, 31, 33, 34 ва 35-

и Тартиби додани дараҷаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси зикргардида мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии муштараки кафедраҳои "Иқтисодиёти соҳавӣ" ва "Манбаъҳои алтернативии энергия"-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон бо иштироки довталаб муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (Протоколи №3, аз 13 майи соли 2025).

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар; зид – нест; бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири
кафедраи иқтисодиёти соҳавии
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон — Назарова Н.С.

**Ташхисгар,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисодиёти соҳавии
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон — Раҳимов З.С.

**Котиби ҷаласа,**
номзади илмҳои техники
дотсенти кафедраи "манбаъҳои
алтернативии энергия"-и
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон — Раҳимов Х.А.

*Имзоҳои Назарова Н.С., Раҳимов З.С. ва Раҳимов Х.А.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон — Каримов З.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 733036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён.
Сомона: www.tpei.tj, E-mail: info@ tpei.tj, Телефон: (+992) 55-000-29-01